# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ дар мавзуи «Субъекти ҷиноят: масоили назария, қонунгузорӣ ва амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Субъекти ҷиноят яке аз унсури ҷудонашавандаи таркиби ҷиноят эътироф гардида, таҳаввулоти донишҳои илмӣ дар бораи субъекти ҷиноят то ҳол олимонро ба модели ягонаи назариявии субъекти ҷиноят оварда нарасонидааст ва доир ба он ақидаҳо ва пешниҳодҳои гуногун ҷой дорад, яъне барои пурра омӯхтани масъалаҳои субъекти ҷиноят ҳамеша он аз мадди назари олимони соҳа дур намондааст.

Дар замони кунун тақозо карда мешавад, ки ба таври бояду шояд коркарди назариявӣ ва методологии консепсияи ҷавобгарии ҷиноятии гунаҳгории фардӣ, зарурати ҷой доштан ё надоштани эътироф шахси ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ҷиноят, ҳамбастагии субъекти иҷтимоӣ ва умумии ҷиноят, коркарди тавсия оид ба тафриқагузории синни ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, вобаста ба баланд гардидани сатҳи дониши ҳуқуқии ҷомеа, эмансипатсия ва дигар омилҳои иҷтимоӣ ва ғайра ба роҳ монда шавад.

Мафҳуми «субъекти ҷиноят» дар инкишофи худ самти тӯлониро аз эътирофи на танҳо инсон, балки ҳайвонот, ҷисмҳои беҷон ҳамчун субъекти ҷиноят, то эътирофи инсон ҳамчун субъекти ҷиноят, тай намудааст.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳумҳои зиёди субъекти ҷиноятро мушоҳида намудан мумкин аст, ки муҳаққиқи диссертатсия доир ба нуқтаи назари олимони ватаниву хориҷӣ ишораҳои зиёдеро инъикос намудааст. Ҳангоми таълифи мафҳуми «субъекти ҷиноят», баъзе муаллифон кӯшиш намудаанд, ки ба шахсияти ҷинояткор назар ба он ки пештар дода шуда буд, бештар аҳаммият дода, доираи аломатҳоеро, ки субъектро тавсиф мекунанд ва ба ҷиноят дохил мешаванд, беасос васеъ кардаанд.

Мафҳуми субъекти ҷиноят имрӯз ҳам аломатҳои дар қонунгузорӣ муқарраршуда ва ҳам аломатҳои дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ истифодашавандаро дар бар мегирад, аз ин рӯ, барои таъмини баҳои пурра, ҳамаҷониба ва объективонаи онҳо, донишро ҳам дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳам дар қонунгузории ҷорӣ тақозо менамояд.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, субъекти ҷиноят шахси воқеии мукаллафи ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ расида эътироф карда мешавад. Ин мафҳумро субъекти умумӣ низ меноманд, зеро аломатҳои зикршуда (мукаллафӣ ва синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ) ба ҳама субъектҳо хосанд ва мавҷуд набудани онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки дар кирдори шахс таркиби ҷиноят ҷой надорад. Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёр муқаррар шудааст, ки танҳо шахси воқеӣ субъект буда метавонад, вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки баъзе аз муҳаққиқон бар он назар мебошанд, ки замони эътироф ва дар қонунгузории ҷиноятӣ ворид намудани шахси ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ҷиноят омадааст.

Мукаллафӣ ҳамчун аломати субъекти ҷиноят дар баробари шахси воқеӣ ва ба синни муқаррарнамудаи қонунгузории ҷиноятӣ расидан, ҳатмӣ эътироф гардида, дар маҷмуъ бе онҳо умуман ҳамчун мафҳумҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ҷой доштани субъекти ҷиноят ғайриимкон аст. Дар ҳоле, ки субъекти ҷиноят муқаррар набошад, пас таркиби ҷиноят ҷой надорад. Дар назар чунин менамояд, ки қонунгузории ҷиноятӣ субъекти ҷиноятро муқаррар карда, муаммои иловагиеро ба бор намеорад, вале дар сатҳи таҳқиқоти диссертатсионӣ маълум мегардад, ки мушкилоти ба худ хосро доро мебошад.

Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ масоили назария, қонунгузорӣ ва амалияи субъекти ҷиноятро мавриди таҳлил, омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, ифодаҳои асосноки мафҳумҳои субъекти ҷиноят, мукаллафӣ, мукаллафии маҳдуд ва номукаллафиро бо дарназардошти маҳакҳои тиббиву ҳуқуқӣ, инчунин синни субъекти ҷиноятро пешниҳод намудааст. Новобаста аз он, ки қонунгузории ҷиноятии кишвар синни ҳадди аксари ҷиноятро муқаррар накардааст, муҳаққиқ хусусиятҳои синнии

субъекти махсуси ҷиноятро тасниф намуда, бо дарназардошти муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, диспозитсияи моддаҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои ҷиноятҳои мушаххас, синни ҳадди аксари бархе аз ҷиноятҳоро пешниҳод намудаасст.

Хулоса ва пешниҳоди дар таҳқиқоти диссертатсиони инъикосгардида асоснок буда, барои такмили минбаъдаи қонунгузорӣ ва назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ саҳми назаррас хоҳанд гузошт.

Бинобар ин, мавзуи диссертатсияи Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ муҳим эътироф гардида, таҳқиқоти саривақтӣ ва мубрам ба ҳисоб меравад.

Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ соли 2001 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ дохил шуда, онро соли 2006 хатм намудааст.

Ӯ бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз ноябри соли 2006 ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминалистикаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон фаъолияти кории худро шуруъ карда, аз 28-уми сентябри соли 2012 то 14-уми марти соли 2016 ба ҳайси сардори қисми таълими факултети №4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз 14-уми марти соли 2016 то 15-уми ноябри соли 2017 дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 15-уми ноябри соли 2017 то 12-уми марти соли 2020 ба ҳайси профессори ин кафедра, аз 12-уми марти соли 2019 то 14-уми августи соли 2025 ҳамчун сардори кафедраи номбурда фаъолияти корӣ намудааст. Аз 14-уми августи соли 2025 то ҳол ба ҳайси дотсенти кафедраи зикргардида фаъолият намуда истодааст.

Кори диссертатсионии Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, 3 боб, 7 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо), феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ ва замимаҳо иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назарӣ ва амалӣ муайян карда шудааст.

Боби аввали диссертатсия «Муқаррароти умумӣ оид ба субъекти ҷиноят дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ду зербоб иборат буда, дар он масъалаҳои таърихи рушди меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба субъекти ҷиноят дар Тоҷикистон, мафҳуми «субъекти ҷиноят» дар қонунгузории муосири ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мафҳуми «шахси воқеӣ» ҳамчун аломати субъекти ҷиноят бо дарназардошти назари олимон ва қонунгузории ҷиноятӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар боби дуюм «Мушаххаснамоии мафҳуми «мукаллафӣ», «мукаллафии маҳдуд» ва «номукаллафӣ» дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки аз се зербоб иборат мебошад, мукаллафӣ ҳамчун аломати субъекти ҷиноят ва мукаллафии муҳдуд, инчунин, номукаллафӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Муаллиф иброз медорад, ки мукаллафӣ дар баробари шахси воқеӣ ва ба синни муқаррарнамудаи қонунгузории ҷиноятӣ расидан, аломати ҳатмии субъекти ҷиноят эътироф гардида, бе онҳо умуман ҳамчун мафҳумҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ҷой доштани «субъекти ҷиноят» ғайриимкон аст. Дар ҳоле, ки субъекти ҷиноят муқаррар набошад, пас умуман таркиби ҷиноят ҷой надорад ва бо дарназардошти таҳлили назари олимон ва муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ, муаллиф дар хулосаи зербоби 2.1. мафҳуми «мукаллафӣ»-ро пешниҳод намудааст. Ҳамчунин, Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ зикр менамояд, ки дар сатҳи қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар намудани мукаллафии маҳдуд барои татбиқи принсипи гунаҳгоркунии субъективӣ мусоидат карда, имкон медиҳад, ки ҷавобгарии ҷиноятии шахсони гирифтори парешонҳолии руҳӣ дуруст ба роҳ монда шавад.

Дар боби сеюм бошад, масоили «Мушаххаснамоии син ҳамчун аломати субъекти ҷиноят» таҳлил карда шудааст. Ин боб аз ду зербоб иборат мебошад, ки дар онҳо тасниф ва тафриқаи син дар замири субъекти ҷиноят,

инчунин, хусусиятҳои синнии субъекти махсуси ҷиноятро тибқи қонунгузории амалкунанда мушаххас намудааст. Дар хулосаҳои боби мазкур, муҳаққиқ мафҳумҳои «синни субъекти ҷиноят» ва «мафҳуми ноболиғ»-ро пешниҳод намуда, хусусиятҳои синнии субъекти махсуси ҷиноятро муайян кардааст. Ҳамчунин, Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ бо дарназардошти таҳлили меъёрҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусияти ҷиноятҳо ва муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон синни ҳадди аксари субъекти махсуси ҷиноятҳоро тасниф ва муайян намудааст, ки барои минбаъда татбиқи дурусти қонунгузории ҷиноятӣ ва ташаккули доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мусоидат хоҳад кард.

Дар хулоса ва пешниҳод натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд. Рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда, истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ дорои 5 замима буда, онҳо натиҷаҳои пурсишнома доир ба масоили субъекти ҷиноят дар назария, қонунгузорӣ ва амалия, таснифи таркибҳои ҷиноятҳое, ки синни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои онҳо аз 14 фаро мерасад, таснифи субъекти махсуси ҷиноят, таснифи шахсияти ҷинояткорон мувофиқи меъёри синнӣ дар солҳои 2014-2025 ва таснифи хулосаҳои экспертизаи психиатрияи судӣ дар солҳои 2014-2025 оид ба эътирофи мукаллаф ва номукаллаф будани шахсро фарогир мебошанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ дар мавзуи «Субъекти ҷиноят: масоили назария, қонунгузорӣ ва амалия» ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва

автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
Сардори Академияи Вазорати
корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Насуриён П.А.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Шоҳмансур,
кӯчаи Айнӣ 289/2, ҳуҷраи 19
Тел: (+992) 93-557-00-06
E-mail: pnasurov@mail.ru

Имзои Насуриён П.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия Саидзода А.Р.
«20» 01 соли 2026

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 734012, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов 3; Тел.: (+992 37) 226-28-01; факс: (+992 37) 226-60-43. Веб сайт: www.avkd.tj. E-mail: avkdtj@mail.ru